Дӯст доштани Куръон

· **Масъалаи аввал: Калб абзор ва олати фахмидан ва таъаккул аст:**

Сухан гуфтан дар ин маврид, ба тарики мухтасар, дар ду сурат анчом меёбад:

1. Калб абзори фахмидан ва таъаккул аст.

2. Калб дар дасти Худованди мутаъол аст, он Зоте ки шарик надорад ватанхо аст.

· Дар мавриди сурати аввал бошад, матнхои Куръон зиёд аст, ки бар он далолат мекунад, ки онхо бештар аз сад оят мебошанд, вале мо инчо ба овардани 3-оят иктифо менамоем. Чунки онхо дар ин мавзуъ далолаташон сареху ошкоро аст. Ин гуфтахои Худованди мутаъол инхоянд:

о **"Мо бар дилхои онхо пардахое афкандаем, то оётро нафахманд"** Сураи **Кахф: 57.**

о **"Оё дар замин ба сайр ва сафар напардохтанд, то дилхое дошта бошанд, ки ба онхо фахм кунанд ва гушхое дошта бошанд, ки бадонхо бишнаванд? Чаро, ки ин чагхо нестанд, ки кур мегарданд, балки ин дилхои даруни синахо хастанд, ки нобино мешаванд"** Сураи Хач: 46.

о **"Худованд ду дилро дар даруни касе карор надодааст"**Сураи Ахзоб: 4.

Ин чо мо ба тафсили ин масъалахо намепардозем, вале шохид аз ин оятхо он буда, ки калб абзори фахмидан ва таъаккул кардан ва идрок намудан аст, ки аз чумлаи инхо фахмидан ва тадаббури Куръон аст.

· Сурати дуввум бошад ин аст, ки калб дар дасти Худованди мутаъол ва бешарик аст. Бо илм ва хикмати худ хар вакт, ки бихохад онро мегушояд ва хар вакт, ки бихохад онро мебандад. Ин аст, ки мефармояд:

о **"Ва бидонед, ки Худованд миёни инсон ва дили ӯ чудой меандозад"**Сураи Анфол: 24.

о **"Мо бар дилхои онхо пардахое афкандаем, то оётро нафахманд"** Сураи **Кахф: 57.**

о **"Аз оятхои худ касонеро боз медорам, ки дар замин такаббур меварзанд"** Сураи Аъроф: 146.

Ба ин хотир асбоб ва василахое карор дода шудааст, ки хар кас ба онхо амал кунад муваффак мешавад ва хар кас аз онхо тахаллуф кунад, шикаст мехурад, ки баёнаш дар масоили баъдӣ хохад омад.

Пас вакте саъю кушиш мекуни то Куръонро бифахми, бидон ки калбхо дар дасти Худованди мутаъол мебошанд. Ва Худованди мутаъол миёни шахс ва калбаш чудой меандозад, пас роху равиш ва кайфият милок ва тарозу нест, балки фатху гушоиш танхо аз чониби Аллох таъоло мебошад. Бинобар ин он тадаббур, ки барои ту хосил мешавад хамон неъмати бузурге аст, аз чониби Аллох таъоло, ки муставчиби шукр аст на фахр кардан. Пас замоне, ки Аллох таъоло барои ту фахми Куръонро ато кард ва маъонии онро барои ту равшан сохт, вайро шукргузор бош ва аз ӯ бихох то онро зиёдтар бикунад. Ва ин неъматро танхо аз чониби Аллох таъоло бидон ва аз лихози зохир ва ботин
ба он эътироф кун.

· **Масъалаи дуввум: Робитаи дуст доштани Куръон бо тадаббур.**

Равшан аст, ки хар гох калб чизеро дуст дошта бошад ба он вобаста мешавад ва бадон таъаллук пайдо мекунад. Аз он шод мегардад ва аз гайри он чудо мешавад. Ва калб хангоме, ки Куръонро дуст дошта бошад аз кироати он лаззат мебарад ва фахму хушашро бар хондани он чамъ мекунад. Ва ба ин тартиб тадаббур ва фахми амик хосил мешавад. Ва баръакси ин хол, вакте ба Куръон мухаббате вучуд надошта бошад, рӯй овардани калб ба сӯи он мушкил мешавад ва пайравӣ кардан аз он душвор мегардад, ба тавре ки чуз бо талошу кушиш хосил нахохад шуд. Пас мухаббати Куръонро ба даст овардан ин муфидноктарин асбоб барои касб намудани кавитарин ва болотарин дарачаи тадаббур аст.

Вакеъ хам шохиди ин гуфтахои зикршуда аст. Мебинем вакте донишчӯе иштиёк ва майлу рагбат ва мухаббати зиёде ба дарсхояш дошта бошад, он чиро ки гуфта мешавад бо суръати зиёде дарк мекунад ва мефахмад. Ва вазифахо ва чизхое, ки аз ӯ хоста шудааст, дар вакти кутохе анчом медихад. Дар холе, ки донишчӯи дигар он чиро, ки гуфта шуда чуз бо такрор ба такрор анчом додани он дар намеёбад ва мебинад, ки вакти зиёде сипари шудааст, хол он ки чизе аз таколифашро анчом надодааст.

· Масъалаи саввум: Нишонахои мухаббати калб ба Қуръон.

Мухаббати калб ба Қуръон ва онро аз дил дуст доштан нишонахо ва аломатхое дорад, ки аз чумла инхоянд:

· Бо дидани Қуръон шодмон мегардад. Ва вакти зиёдеро бидуни хастагӣ бо Қуръон сипарӣ мекунад.

· Иштиёк доштани ба он; вакте, ки муддате аз он дур буда ва баъзе монеъахо вучуд дошта, дар ин хол орзӯ мекунад, ки дубора онро бубинад ва аз он бо хабар шавад ва чизхоеро, ки монеъ байни вай ва Қуръон шуда, аз миён бардорад.

· Зиёд ба Қуръон мурочиъа кунад, ба тавчихоту нишондодхои он итминон дошта бошад ва хангоме, ки мушкилоти кучак ё бузурге барояш пеш меояд ба Қуръон ручуъ мекунад.

· Аз фармоишхо ва манъкардагихои Қуръон пайравӣ ва итоат кунад.

Инхо мухимтарин нишонахо ва аломатхои мухаббати калб ба Қуръон ва хамнишинии бо он аст. Пас хар гох ки ин нишонахоро дар худ дидӣ, бидон ки мухаббати Қуръон дар ту вучуд дорад. Вале вакте акси инро дидӣ, бидон ки мухаббат вучуд надорад. Ва агар баъзе аз онхоро мушохида карди вале баъзеи дигарро не, бидон ки дар мухаббати ту нисбат ба Қуръон ба хамон андоза костӣ ва камӣ вучуд дорад.

Шоиста аст, ки хар мусалмон ин суолро аз худ бипурсад, ки ОЁ МАН КУРЪОНРО ДУСТ ДОРАМ?

Ин суоли мухим ва арзишманде аст вале чавоб додан ба он гаронбахотар ва арзишмандтар аст. Чунки чавоб ба он дарбаргирандаи маъонии бисёр аст. Кабл аз ин ки ба ин суол чавоб дихӣ, ба нишонахое, ки каблан зикр шуд бозгард, то онхоро бо он чавобе, ки мехохи бидихи мукоиса куни ва дурустро аз нодуруст ташхис бидихи.

Агар аз баъзе мусалмонон бипурси, ки оё Куръонро дуст медорӣ? Чавоб медихад бале, Куръонро дуст медорем, чигуна мешавад, ки онро дуст надошт? Вале оё ин чавоб содикона аст?

Чигуна Куръонро дуст дорад, дар холе ки чанд дакикае аз вакташро бо Куръон наменишинад, вале соатхои тулонӣ аз вакташро бо ончи, ки хаво ва хохишоти нафсониаш мехохад ва аз матоъи дунёӣ дуст дорад, сипарӣ мекунад!?

Абу Убайд мегуяд: ***"Хеч бандае чуз ба василаи Куръон аз худаш намепурсад, агар Куръонро дуст дошт Худо ва Расулашро низ дуст дорад".***

Вакте, ки нашонахои пешин дар мо вучуд надошта бошад, лозим аст ки мо ба кутохихои худ эътироф кунем ва саъй кунем ки дар худамон тагйир ба вучуд оварем, ки роххои вусул ба ин тагйир дар масъалаи баъдӣ баён мешавад.

· **Масъалаи чахорум: Василахои тахаккуки мухаббат ба Куръон.**

Ин масъала барои баён медорад, ки агар инсон ин василахоро тай намояд ба мухаббати Қуръон иншоаллох ноил мегардад. Аз ин чихат бояд ба ин василахо ахамият бидихем онхоро аз худ кунем, онхоро хуб фахмем ва дар амал чориашон намоем.

- **Василаи аввал: Таваккул ба Аллох таъоло кардан ва мадад гирифтан аз Ӯ.**

Аз Аллох таъоло кумак бихохад ва дархост кунад, ки ба ӯ мухаббати Қуръонро рӯзӣ дихад, ба ин хотир дуъои бузурге, ки Абдуллох ибни Масъуд (р) ривоят кардаастро бихонад, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***"Бандаи Худо хар гохе, ки хузн ва андухе ба вай бирасад (даст ба дуъо бардорад ва бигуяд:)***

Парвардигоро! Ман бандаи ту, фарзанди бандаи ту ва фарзанди канизи ту хастам. Тақдири умурам (корхоям) дар дасти туст, хукми ту бар ман чорист, казовати ту дар хаки ман адолати махз аст. Аз ту мехохам, бо хар исме, ки ту худро ба он номидаи ё онро дар китоби худ нозил кардаи ва ё ба яке аз бандагонат омухтаи ё онро дар илми гайби худ махфуз нигах доштаи, ки Қуръонро бахори дилам ва нури синаам ва сайкали гамхоям карор дихи.

Худованд гамхои вайро зудуда ва шодиро чойгузини он менамояд. Гуфтанд: Расули Худо (с), шоиста аст, ки ин калимотро низ ба мо биёмузӣ. Паёмбар (с) фармуд: Оре шоиста аст барои касе, ки онхоро бишунавад то онро ба дигарон биёмузад".

Пас рӯзе 3 ё 5 ё 7 бор онро такрор кунад. Ва махсусан дар замон ва вактхои ичобати дуъо анчом дихад ва саъю кушиш кунад, ки дархости худро аз рӯи сидқ ва ростӣ ва бо холати тазарруъ яъне зорӣ ва пофишорӣ намудан ва бо холати сахт хохишманд будан матрах кунад, то дуъо ичобат шавад ва ончиро ки хостааст ба вай ато шавад. Баъзе аз мардум исрор ва пофишориро танхо дар умури дунявӣ ва моддӣ медонанд, вале дар умури динӣ агар дуъо бикунанд, хеле сард ва берух дуъо мекунанд.

Кумак гирифтан аз Аллох таъоло барои касби тадаббури Қуръон ин аст, ки корӣ хондани Қуръонро бо **"Аъузу биллохи мина-ш-шайтони-р-рачим"** шуруъ кунад ва хамчунин аввали сураро бо
"Бисмиллохи-р-рахмори-р-рахим"
шуруъ кунад. Чунки инхо кумак хостан аз Аллох таъоло дар тадаббур ва фахми Қуръон ба таври умум ва сураеро, ки мехохад бихонад, ба таври махсус мебошад.

o **Василаи дуввум: Анчом додани амал ба он сабабхо.**

Бехтарин ва муфидтарин васила дар ин заминаи илм ва абзори он, яъне хондан аст. Яъне хондани чизхое, ки дар мавриди азамати Қуръон аст. Ва ончи ки дар Қуръон ва суннат омадааст ва хамчунин мутолиъаи гуфтахои пешиниён дар мавриди Қуръон ва мухаббату алокаи онхо нисбат ба Қуръон аст.

Хар касе моил ба касби мухаббати Қуръон аст, пешниход мешавад, ки барномае танзим кунад, ки шомили нусусе аз Қуръон ва суннат ва акволи (гуфтахои) пешиниён бошад, ки дар онхо ба азамати Қуръон ва чойгохи он ишора шуда бошад. Ва онхоро дар ду радиф мураттаб кунад; матн ва шарх. Матнро боистӣ хифз ва такрор кунад ва шархро бошад бихонад, бифахмад ва маънохоеро, ки дар шарх омадааст бо алфози матн ба хамдигар рабт дихад.

Интизор меравад, ки касе ин барномахоро амалӣ кардааст, ба изни Худованд аз мухаббат, алока ва такрими Қуръон бенасиб нашавад, зеро ин барномахо хамон калиди аслии тадаббури Қуръон ва фахми он аст. Ва тамоми онхо, ки гуфта мешавад баин матлаб бастагӣ дорад. Вале шигифту ачоиб ин аст, ки бисёре аз мо ин мавзуъро мехонем вале ба натоичи мусбат намерасем.

Бинобар ин хондани Қуръон бештар бояд хамрох бо хондани ахволи пешиниён дар робита бо Қуръон ва достонхо ва ривоятхои онхо бошад.

Лозим аст бидонем, ки адами мухаббат ва алокаи мо ба Қуръон ва адами такрими он ба иллати чахли мо (ба хамон микдор) аст. Мисли бачае, ки 500 сомон ба вай бидихи, вале бача онро рад кунад вале як сомон бихохад. Пас касе, ки арзишу киммати Қуръонро намедонад ва аз он канорагирӣ ва дурӣ кунад ва ба чизхои камарзиштар бипардозад, дуруст мисли хамон бача аст.

Агар эъълом кунанд: Касе, ки дар фалон мусобикаи китобхонӣ ширкат кунад ва баранда шавад дах миллиард ба вай дода мешавад, дар ин хол хирси мардум ва алокамандиашонро ба он китоб чигуна мебинӣ? Ва чигуна он китобро мехонанд ва дар мавриди он сухбат мекунанд? Дар холе, ки Қуръон китобе аст, ки хар кас дар он баранда шавад, мулки бенихояте ба вай дода мешавад.

Бисёр аз мусалмонон ба сурати мучмал ва ба андозаи илмашон Қуръонро такрим мекунанд, яъне ин ки медонанд Қуръон китобе аст, ки аз чониби Аллох таъоло нозил шудааст ва мо онро дар намозхоямон мехонем ва бар болини беморони худ чихати шифои онхо кироат мекунем. Вале бисёре аз мардум аз илми тафсилӣ дар мавриди азамати Қуръон, чойгохи он ва он чи ки (аз Қуръон) боъиси пирузии инсон дар зиндагӣ мешавад ноогоханд. Дар ин маврид мисоле мезанем, вакте ки аз як шахсияти муассири таърихӣ чизхоеро мешунавӣ, як сурати ичмолӣ аз он шахс дар зехни ту шакл мегирад ва назди ту арзиш пайдо мекунад ва гохе авкот китоби 600 сахифаиро дар мавриди кахрамонихо, фидокорихо, лутфу бахшишхои ӯ барои мардум мехонӣ ва корхоеро, ки анчом дода ва чавонмардихои вайро мутолиъа мекуни, як мох бо харф ба харфи навиштахо ва гуфтахои ӯ зиндагӣ мекуни. Ва бо таъкиди зиёд вакте акси ин рахбар ё шахсияти барчастаро мебини, умки мутолиъаи ту бештар мешавад. Мухаббат ва алока ва такрими ту нисбат ба вай зиёд мешавад. Ва ин таъсирот амре возех аст, ки хеч кас наметавонад онро инкор кунад. Мо мухаббат ва алока
ва такрими Қуръонро ба касе бор намекунем ва ба касе барнамегардонем. Вакте ин корро анчом додем ин китоби бузург мухаббат ва алока ва такрими моро нисбат ба Аллох таъоло зиёд мекунад ва ба ин тартиб ба мартаба ва дарачаи авлиёи ботаквои Худованд мерасем. Дустдорони Қуръон хамон касоне хастанд, ки тарс ва андухи онхоро фаро намегирад. Хамон касоне, ки агар яке аз онхо ба Аллох таъоло касам бихурад, онро нек адо мекунад ва ба хадафаш мерасад.